418/12.1 аз 18.01.2016

Ба мақомотҳои ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шуморо огоҳ менамояд, ки назорати татбиқи дурусти Созишномаҳо оид ба пешгирӣ кардани андозситонии дукарата ва аз байн бурдани канораҷӯӣ аз андозсупорӣ аз даромад ва сармоя дар мақомоти ҳудудии андоз ғайриқаноатбахш буда, аз ҷониби андозсупорандагон муқаррароти умумӣ ва махсус доир ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ки дар Бобҳои 20 ва 21 Зерфасли 5 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст,риоя карда намешавад.

Қобили қайд аст, ки тамоми санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар хусуси бартараф намудани андозситонии дукарата ва аз байн бурдани канораҷӯӣ аз андозсупорӣ аз даромад ва сармоя дар мавриде татбиқ карда мешавад, ки агар фаъолияти субъекти давлати хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи доимии ғайрирезидентро ба вуҷуд наоварад.

Ба ғайр аз ин, хотиррасон менамоем, ки дар қисми 2 моддаи 3 чунин Созишномаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ омадааст, ки дар мавриди истифодаи Созишномаи мазкур аз ҷониби Давлатҳои Аҳдкунанда, ҳар истилоҳе, ки дар он муайян нашуда бошад, агар дар ин матн мазмуни дигар нагирад, ҳамон мазмунро медиҳад, ки ба он қонунгузориҳои ҳамин Давлат нисбати андозҳо муқаррар намудааст. Яъне, ки дар ин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, ҳангоми мавҷуд набудани истилоҳот, бартарии қонунгузориҳои андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи худро ёфтааст.

Бинобар ин, ҳангоми дар амал татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар хусуси бартараф намудани андозситонии дукарата ва аз байн бурдани канораҷӯӣ аз андозсупорӣ аз даромад ва сармоя, бояд муқаррароти моддаи 12 Кодекси андоз ки мафҳуми муассисаи доимии ғайрирезидент (корхонаи хориҷӣ ё шахси воқеии ғайрирезидент) –ро муаяйн мекунад, ҳаматарафа омӯхта шуда, ҳангоми ба вуҷуд оварадани муассисаи доимии ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, андозбандии даромадҳои ғайрирезидентҳоро вобаста ба муқаррароти моддаҳои 106, 129 ва тартибе, ки дар моддаи 136 Кодекси андоз муайян карда шудааст, мавриди андозбандӣ қарор дода, пардохти саривақтии андозҳои ситонидашударо ба буҷети дахлдор таъмин намоед.

Дар ҳолате, ки агар фаъолияти ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси таъсис додани муассисаи доимӣ нагардад, татбиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар хусуси бартараф намудани андозситонии дукарата ва аз байн бурдани канораҷӯӣ аз андозсупорӣ аз даромад ва сармоя бо тартибе, ки дар моддаи 133 Кодекси андоз муқаррargardида бояд амалӣ карда шавад.

Мутобиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 133 Кодекси андоз ғайрирезидент, ки аз манбаи воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегирад ва хоҳиш дорад аз муқаррароти санадҳои байналмилалӣ дар хусуси бартараф намудани андозбандии дукарата истифода барад, уҳдадор аст ба мақомоти андози маҳалли қайди худ тибқи тартиби муқарраргардида нусхаи аслии ҳуҷҷати тасдиққунандаи резидентиашро барои соли дахлдори тақвимӣ ва ариза оид ба татбиқи санади ҳуқуқии байналмилалӣ пешниҳод намояд.

Тибқи талаботи қисми 4 моддаи 133 Кодекси андоз агенти андоз уҳдадор кардашудааст, ки дар лаҳзаи ба ғайрирезидент пардохт намудани даромад аз манбаи пардохт андозро тибқи меъёри муайяннамудаи моддаи 128 Кодекси андоз нигоҳ дорад ва ба мақомоти дахлдори андоз иттилоот пешниҳод намояд.

Дар сурати гирифтани қарори мусбии мақомоти андоз оид ба татбиқи муқаррароти санадҳои байналмилалӣ дар хусуси бартараф намудани андозбандии дукарата, агенти андоз маблағи андози нигоҳдошташударо ба ғайрирезидент мепардозад. Дар акси ҳол агенти андоз уҳдадор аст, ки маблағи нигоҳдошташудаи андозро ба буҷети дахлдор гузаронад.

Ҳамзамон, тибқи муқаррароти қисми 9 моддаи 133 Кодекси андоз пешбинӣ гардидааст, ки дар ҳолати аз ҷониби ғайрирезидент ё агенти андоз иҷро нагардидани талаботи ҳамин модда, уҳдадорӣ оид ба гузаронидани андози аз манбаи пардохт нигоҳдошташуда ба буҷет ва муҷозоти ҷаримавӣ барои дар вақташ нагузаронидани андоз ба зиммаи агенти андоз гузошта мешавад.

Аз ин лиҳоз, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки дар муҳлати кутоҳтарин руйхати андозсупорандагоне, ки дар фаъолияти солҳои 2013-2015 муқаррароти Созишномаҳо оид ба пешгирӣ кардани андозситонии дукарата ва аз байн бурдани канораҷӯи аз андозсупорӣ аз даромад ва сармояро истифода намудаанд ба Кумитаи андоз пешниҳод намуда, татбиқи амалии талаботи муқаррарнамудаи Кодекси андозро дар мавриди татбиқи созишномаҳои байналмилалӣ таҳти назорати қатъи қарор дода, барои саривақт ҳисоб ва ба буҷет пардохт намудани андозҳо чораҷӯи намоянд.

Раис Н. Давлатзода